«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара,
__________н.и.т.,д.и.п.Шоҳиён Н.Н.
«21» ______ноябри______ соли 2022

# ХУЛОСАИ

Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи **Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович** дар мавзуи **«Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби кӯҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ»)** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Диссертатсия дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби кӯҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ») дар кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст.

Соли 2018 Қосимов М.С. факултети Лингвистика ва муоширати байналмилалии Донишгоҳи давлатии Данғараро хатм карда, дорандаи дипломи дараҷаи олӣ аз рӯйи ихтисоси “муаллими забони тоҷикӣ ва англисӣ” гардид. Аз соли 2018 то ин ҷониб ассистенти кафедраи назария ва амалияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Данғара фаъолият мебарад.

Қосимов М.С. ба ҳайси унвонҷӯ 31-декабри соли 2018 ба Донишгоҳи давлатии Данғара қабул шуда, мавзуи номзадиаш дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 21 майи соли 2019, таҳти №11 тасдиқ гардидааст.

Кори илмиашро таҳти роҳбарии Туйғунов Носир Ҳақбердиевич дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби кӯҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ») корро ба роҳ мондааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2022 аз ҷониби шуъбаи аспирантураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Туйғунов Носир Ҳақбердиевич, номзади илми филология.

Диссертатсияи мазкур барои аввал дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Данғара аз 30.06. 2022, №11 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:

Диссертатсияи Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович ба омӯзиши яке аз масъалаҳои таҳқиқии пешояндҳо ва махсусан пешояндҳо дар заминаи асари бадеӣ, ки аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ бевосита тарҷума шудааст, бахшида шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** Пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асарҳои бевосита тарҷумашудаи бадеӣ мавриди таҳқиқи муқоисавӣ қарор нагирифтаанд. Дар забони англисӣ пешояндҳо, нисбат ба забони тоҷикӣ аз ҷиҳати тобишҳои маъноӣ дар таркиби воҳидҳои гуногуни забон тафовути фарққунанда доранд, ки ин хусусияти онҳоро дар асарҳои бадеӣ дақиқан мушоҳида кардан мумкин аст. Доираи корбурд ва корбасти мушаххаси пешояндҳои забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ фарққунанда аст. Гарчанде хусусиятҳои монандӣ зиёд ба назар расанд ҳам, дар заминаи матни бадеии бевосита тарҷумашуда таҳқиқ намудани онҳо имконияти возеҳ намудани тобишҳои маъноиро фароҳам меоварад ва дар ин асос хусусияти истифодаи амиқи онҳоро дар таркибҳои гуногун мушаххас менамояд.

Таҳқиқот дар заминаи асарҳои бадеӣ имконияти пажуҳиши пурраи пешояндҳои ду забон, махсусан корбурди онҳо дар таркиби асари бадеӣ, ба ҳамон маъно омадан, иваз нагардидани маънои аслии онҳо ва ба ин монанд масъалаҳои маъноӣ ва сохториро зимни муқоисаи асарҳои бадеӣ, ки бевосита тарҷума шуда бошанд, фароҳам меоварад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** дар таълифи диссертатсия аз нигоҳи назарӣ аз дастовардҳои илмӣ, принсипҳо ва усулҳое, ки донишмандони барҷастаи ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар ин мавзӯъ таҳқиқоти назаррас анҷом додаанд, ба таври васеъ истифода карда шудааст. Теъдоди зиёди адабиёти илмии забоншиносӣ, ки заминаи назарии диссертатсияи мазкурро ташкил дода, баррасӣ, таҳлил ва омӯхта шуданд, аз ҷумла осори донишмандони гуногуни соҳа ба монанди В.В. Виноградов, И.Б.Борковская, С.Г. Бархударов, А.А.Закарян, Н.А.Слюсарева, В.

Крилова, И.П. Иванова, З.Я. Тураева, А.Камолова, Р.Л. Неменова, Х. Ҳусейнов, С.С. Ҷоматов, А. Мамадназаров, Н. Туйғунов, У.А. Гадибаева, Б. Д. Садирова ва ғ.

**Нововари илмии таҳқиқот** дар он аст, ки бори нахуст хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории пешояндҳо дар заминаи мисолҳои мушаххаси асари бадеӣ, ки бевосита аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ тарҷума шудааст, мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Таҳлили маъноӣ ва сохтории пешояндҳо имконият додаанд, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо дар забонҳои таҳқиқшаванда муайян гарданд. Илова бар ин, баъзе маъноҳо ва хусусиятҳои фарққунандаи пешояндҳои мураккаби забони англисӣ, ки то имрӯз мушахас нагардидааст, дар заминаи мисолҳо аз асарҳои интихобшудаи диссертатсия муайян шуда, таҳлил, таҳқиқ ва амиқ карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳои таҳқиқии пешояндҳо ва махсусан пешояндҳо дар заминаи асари бадеӣ, ки аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ бевосита тарҷума шудааст, имкон фароҳам меоварад, ки ҳолатҳои гуногуни ифодаҳои маъноии пешояндҳо, ки то имрӯз амиқ гардидаанд, омӯхта шаванд, маъноҳои муайянгардидаи онҳо дар фарҳангу луғатномаҳо мушаххас гарданд ва дар ин замина тафовут ва умумиятҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд. Махсусан имконияти омӯзиши муқоисавии онҳо дар заминаи маводи мушаххас имкон фароҳам меоварад, ки ҷанбаҳои гуногуни онҳо ҳам аз ҷиҳати грамматикӣ ва ҳам аз нигоҳи ифода аз як забон ба забони дигар равшан шаванд ва хусусиятҳои фарққунанда ошкор гарданд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва маводҳои он метавонанд ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва навиштани грамматикаи амалии забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ, ҳангоми таҳияи курсҳои амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шаванд. Аз назари амалӣ диссертатсияи мазкур барои дарёфти маълумоти мушаххас ҳангоми омӯзиши пешояндҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мусоидат намуда, ба тақвияти роҳу воситаҳои таълими онҳо мусоидат намуда метавонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии кори таҳқиқоти мавриди назарро дақиқ будани маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ, муқоисавӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

Ҳамзамон, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро истифодаи методҳои таҷрибавӣ-луғавӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, тарҷумавӣ ва ғайраҳо таъмин менамоянд, ки муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили семантикии онҳо дар заминаи матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва ин барои донишандӯзони соҳаи забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ муҳим аст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқотии диссертатсияи мазкур таҳти унвони «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби куҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ») барои дарёфти илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва маводҳои он метавонанд ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, хангоми таҳия ва навиштани грамматикаи амалии забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ, ҳангоми таҳияи курсҳои амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шаванд. Аз назари амалӣ диссертатсияи мазкур барои дарёфти маълумоти мушаххас ҳангоми омӯзиши пешояндҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мусоидат намуда, ба тақвияти роҳу воситаҳои таълими онҳо мусоидат намуда метавонад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ Донишгоҳи давлатии Данғара омода шудааст. Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотии мавриди назар дар шакли баромад ва мақолаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, донишгоҳи ва дигар маҷалла ироа гардидааст.

Таркиби диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар **муқаддима** аҳимияту навоварии таҳқиқот асоснок гардида, мақсад, вазифа ва фарзияҳои муаллиф пешниҳод гардида, нуктаҳои асосии дар кор баррасишаванда номбар шудаанд. Дар боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои назарии омӯзиши пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** муаллиф ҳолатҳои назариявӣ ва методологир баён намудааст. Дар боби мазкур доираи корбурд ва корбасти мушаххаси пешояндҳои забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Боби мазкур аз 3 зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум **«Бознигарии таҳқиқоти илмӣ оид ба пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** доир ба давраҳои гуногуни инкишофи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар низоми пешояндҳо, ифодаҳои маъноии онҳо тағйироти гуногун ба амал омадааст, равона гардидааст. Дар зербоби дуюм **« Хусусиятҳои сохторӣ-маъноии пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва таснифоти онҳо дар заминаи асари бадеӣ.»** ном дошта, роҷеъ ба яке аз хусусиятҳои фарққунандаи забони англисӣ аз забони тоҷикӣ дар мавзуи пешояндҳо ва тафовутҳои маъноӣ онҳо бештар вақт ба назар мерасанд. Зербоби сеюм **«Воситаҳои ифодаи пешояндҳои забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ҳангоми тарҷума ва нозукиҳои истифодаи усулҳои он»** унвон дорад. Бо назардошти ҳамин нуқтаи назар воситаҳои ифодаи пешояндҳои забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ҳангоми тарҷума бояд мувофиқ ва маънои муносиб дошта бошанд. Бояд зикр намоем, ки дар тарҷумаи бевоситаи асарҳои интихобшудаи диссертатсия ҳолатҳои мувофиқатии маъноии пешояндҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба назар мерасанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Хусусиятҳои сохторӣ-маъноӣ ва доираи корбурди пешояндҳо дар асари бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли тарҷумаи бевосита)»** Таҳлил ва таҳқиқи онҳо дар асарҳои бадеӣ нишон медиҳад, ки пешояндҳои забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ доираи истифодаи васеътареро дар бар мегирад. Дар зербоби якуми боби дуюм, «**Хусусиятҳои хоси пешояндҳои аслӣ дар забони тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума ба забонҳои англисӣ**» ном дорад, дар забони тоҷикӣ пешояндҳои аслӣ ё худ сода аслан пешояндҳои қадимтарини забон маҳсуб мешаванд. Зербоби дуюми боби дуюм «**Хусусиятҳои муродифнокии пешояндҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, доираи корбурд ва корбасти онҳо, мувофиқати маъноии онҳо дар таркиби матни асарҳои бадеӣ**» унвон дорад. Хусусиятҳои асосии пешояндҳои забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ ва мувофиқати маъноии онҳо дар асарҳои бадеӣ дар бар мегардад. Зербоби сеюми боби дуюм « **Хусусиятҳои фарққунандаи пешояндҳои забони англисӣ аз забони тоҷикӣ ва тобишҳои маъноии онҳо дар заминаи матни асари бадеӣ»** бахшида шудааст. Маълум аст, ки ҳар як забон давраҳои инкиишоф ва рушдро гузашта, дар ин замина такомул ёфтааст. Ин раванд ба тағйиротҳои гуногуни семантикиву сохторӣ дучор шудани воҳидҳои гуногуни

забонҳо сабаб шуда, ба хусусиятҳои маъногии пешояндҳо низ бетаъсир намондааст.

Дар асоси таҳқиқотҳои гуногун дар самти омӯзиши пешояндҳо дар забони англисӣ гурӯҳи пешояндҳои мураккаб низ зикр мегардад. Ба гурӯҳи пешояндҳои мураккаб, ки нисбат ба дигар пешояндҳо дар забони англисӣ серистеъмоланд, пешояндҳои **within, out of, upon, into, throughout, alongside,outside, wherewith-ро** дохил кардан мумкин аст. Дар боби 3-юми диссертатсия «**Доираи корбурди пешояндҳо дар таркиби дар таркиби ибораҳои феълии забони англисӣ ва муқоисаи маъноии онҳо бо матни асарҳои бадеӣ**» номгузорӣ шуда, корбурди пешояндҳои таркибӣ ва хусусиятҳои фарқкунанда дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва маънои онҳо дар матни асари бадеӣ. Дар зербоби якуми боби сеюм **«Доираи корбурди пешояндҳои забони англисӣ дар тарҷумаи англисии асарҳои интихобшуда, мувофиқат ва ё тафовути маъноии онҳо дар таркибҳои гуногун»**. Дар забони англисӣ истифодаи пешояндҳо дар таркибҳои гуногун хеле зиёд ба назар мерасад. Тағйирнопазирии мавқеи пешояндҳо дар таркибсозии забони англисӣ хеле мушаххастар аст. Дар забони англисӣ, махсусан дар асари мавриди таҳқиқ истифодаи пешояндҳои гурӯҳҳои гуногун дар таркиби иборахои феълӣ низ хеле фаровон аст ва аслан хоси забони англисӣ аст. Дар баробари истифодаи пешояндҳо дар таркиббандиҳои гуногун мавқеи онҳо дар ибораҳои феълӣ низ муҳим аст. Зербоби дуюми боби сеюм «**Таҳлили маъноии ибораҳои феълии пешояндор дар забони англисӣ ва хусусияти фарқкунандаи онҳо аз забони тоҷикӣ**» ном дорад. Хусусияти истифодаи пешояндҳо дар ҳарду забон то дараҷае якранг бошанд ҳам, аммо тафовутҳо низ ҷой доранд. Аслан, воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ аз ҷиҳати сохт ба забони англисӣ шабоҳат доранд. Зербоби сеюми боби сеюм « **Тафовут ва умумиятҳои маъноии пешояндҳо дар тарҷума ва муодилнокии онҳо дар забонҳои муқоисашаванда**». Пешоянд тавассути ифодаи маъногии худ метавонад маънои асосиро тағйир диҳад ва ё онро мушаххас гардонад, яъне тобишҳои услубӣ пайдо намояд. Пешоянд ва калимаи пайрави он ва ё ибора ифодаи дигарро ба миён оварда метавонанд.

Мавод ва нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (солҳои 2019-2022) мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамчунин, доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 6 макола дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадааст.

[Матн] / М.С.Косимов // Дар маҷалаи илмӣ-пажӯҳишии "Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Шубаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ", ки бо шумораи байналмилалии ISSN 2076-2569 чун ҷузъи маҷалаҳои илмӣ- пажуҳишии ISI дар рӯйхати нашрияҳои илмӣ – пажӯҳишии комиссияи олии аттестатсионии вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия . – Душанбе, 2021. №3, ( ). – С. 74-78. ISSN 2076-2569 X.

[2-М]. **Қосимов М.С.** Пешояндҳои сода,сохта ва мураккаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва хусусиятҳои сохторӣ- маъноии онҳо (дар заминаи маводи англиси асари "Ёдоштҳо, мактаби кӯҳна ва Аҳмади Девбанд"-и С.Айнӣ )[Матн] //М.С.Косимов // Дар маҷалаи илмӣ-пажӯҳишии "Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Шубаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ", ки бо шумораи байналмилалии ISSN 2076-2569 чун ҷузъи маҷалаҳои илмӣ- пажуҳишии ISI дар рӯйхати нашрияҳои илмӣ – пажӯҳишии комиссияи олии аттестатсионии вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия . – Душанбе, 2021. №4, – С. 74-78. ISSN 2076-2569 X.

[3-М]. **Қосимов М.С.** Сравнительный анализ класификации предлогов в английском и таджикском языках и способы перевода (на тадж.яз.) находятся в производстве редакции научного журнала М.С. Косимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. №3, (112). – С. 112-119. ISSN-2413-516X.

[4- М]. **Қосимов М.С.** Тафовут ва умумиятҳои маъноии пешояндҳо дар заминаи асарҳои бадеии бевосита тарҷумашуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.С. Қосимов, Туйғунов Н.Ҳ Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ . Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. №4, (98). – С. 98. ISSN-2219-5408.

**Б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[5–М]. **Қосимов М.С.** "Хусусиятҳои фарқкунандаи пешояндҳои забони англисӣ аз забони тоҷикӣ ва тобишҳои маъноии онҳо" Конференсияи илмӣ- амалӣ байналмилалӣ бахшида ба 30 солагии барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса дар мавзӯи ***"Рушди забони миллӣ дар партави бархурди тамадунҳо"*** Донишгоҳи давлатии омӯзгории тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. –Душанбе 2022 –С 98-101.

[6–М]. **Қосимов М.С.** "Корбурди пешояндҳо дар калимаю таркибсозӣ дар доираи матни асари бадей ва ифодаи онҳо ба забони англисӣ" Конференсияи илмӣ- назарияви ҷумҳуриявӣ, таҳти унвони ***"Масъалаҳои назариявии забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ тарҷумашиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ"*** бахшида ба амалигардонии "Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои солҳои 2021-2030"

Донишгоҳи давлатии омӯзгории тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2022. – С. 74-78.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот хулосабандӣ гардида, ҳамзамон тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқотпешниҳод шудаанд.

Диссертатсияи Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо»,«Мактаби куҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ») таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад ва ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи кафедраи кафедраи назария ва амалияи забони англиси Донишгоҳи давлатии Данғара қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 9 нафар “муқобил” нест, “бетараф” нест, суратҷаласаи №4 аз 19.11 соли 2022.

Раиси ҷаласа:
Муаллими калони кафедраи назария
ва амалияи забони англисӣ Маҳмадалиев Фаррух Муродалиевич

Котиби ҷаласа: Бахтиёр Исматуллои Зуҳурзода

Имзои Маҳмадалиев.Ф.М., Бахтиёр И.З.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Данғара Ҷabборӣ Н.Ч.